*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холов Абдулҳамид Мирзомадович «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда**. Дар шароити муосир масъалаҳои таъмини сармоягузориии рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як кишвари ҷаҳон яке аз масъалаҳои стратегии рушди иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ки Ҳукумати кишвар роҳи гузаштани иқтисодиёти кишварро аз иқтисодиёти аграрӣ-саноатӣ ба иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ интихоб кардааст, муҳим мебошад. Зеро рушди ояндаи иқтисодиёти мамлакат ба саноатикунонии босуръат нигаронида шуда, бо истифодаи самараноки сармоягузорӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, фаъолгардонии таъмини сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ба яке аз механизмҳои самараноки расидан ба ҳадафҳои гузошташуда табдил ёфтааст.

Дар вобастагӣ аз зарурияти бавуҷудомадаи баррасӣ ва омӯзиши масъалаи мазкур, қайд кардан мумкин аст, ки амалигардонии таҳқиқоти илмӣ бо мақсади равшансозии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъминоти сармоягузории саноатикунонии босуъат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, махсусан вилояти Хатлон, таҳия ва коркарди пешниҳодҳои оқилонаи самаранокгардонии ин раванд, коркарди моделҳо ва татбиқи онҳо, дарёфти роҳҳои самараноки сармоягузории рушди саноати миллӣ ва КАС, мукаммалгардонии идоракунии раванди сармоягузории рушди саноатикунонӣ ба мақсад мувофиқ буда, муҳим арзёбӣ карда мешаванд.

Аз автореферат бармеояд, ки дар рисолаи илми асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо, тавсияҳо ва хулосаҳои бадастомада бо истифодаи методологияи муосири тадқиқоти илмӣ, мушаххас кардани мушкилот ва асосноккунии зарурати ҳалли онҳо тасдиқ карда мешавад.

Унсурҳои навоварии илмии кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф масъалагузорӣ намудани муаммоҳои таъмини сармоягузории рушди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки ба муаллиф имкон додааст, ки заминаҳои методӣ ва идоракунии рушди комплекси агросаноатӣ кор карда баромада шавад.

Таҳлили муфассали автореферат нишон медиҳад, ки дар он ҳам ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам амалии таъмини сармоягузории корхонаҳои агросаноатӣ ба таври кофӣ баррасӣ карда шудааст ва ин ба муаллиф имкон додааст, ки тамоюлҳо ва қонуниятҳои асосии рушди корхонаҳои агросаноатӣ ошкор, инчунин таъмини сармоягузории онҳо арзёбӣ карда

шавад.

Ба фикри инчониб, автореферат ва интишороти муаллиф мундаричаи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Муаллиф таъмини сармоягузории рушди корхонаҳои агросаноатиро таҳлил намуда, самтҳо ва роҳҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро оид ба таъмини сармоягузории саноатикунонии истеҳсолоти аграрӣ таҳия кардааст.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат, баъзе камбудиҳо ва норасоӣ ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Дар автореферат ба масъалаҳои ҷолибияти сармоягузорӣ ба корхонаҳои агросаноатӣ диққат дода нашудааст;

2. Дар автореферат агар ягон нақша оиди назари олимони ватанӣ дар мавриди ташхиси мафҳуми сармоягузориҳо пешниҳод мешуд, сифати он боз ҳам хубтар мегардид.

Камбудиҳо ва норасоиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ доранд.

Умуман, аз автореферат бармеояд, ки кори диссертатсионии пешниҳодшуда кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷом расонидашуда ҳисобида мешавад, ки аз тарафи муаллиф мустақилона дар сатҳи ҷавобгӯйи талабот иҷро карда шудааст. Тавсияҳои дар диссертатсия овардашударо ҳамчун натиҷаҳои илмии нави ҳалли муаммоҳои таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобидан мумкин аст. Хулоса, аз арзёбии автореферат бармеояд, ки кори диссертатсионии Холов Абдулҳамид Мирзомадович дар мавзуи «Таъмини сармоягузориҳои рушди саноатикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи хоҷагиҳо ва корхонаҳои агросаноатии вилояти Хатлон) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.07- молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиши
Равандҳои кластеркунонӣ дар КАС-и
Институти иқтисодиёт
ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ, н.и.и. Файзуллаева К.Н.

Суроға:734020,Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав 306
Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии
рушди кишоварзии АИКТ
Тел: 919-17-47-83
E-mail: karomat-1958@mail.ru

**Имзои Файзуллаева К.Н. -ро тасдиқ менамоям.**

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди
кишоварзии АИКТ Икромова М.Қ.

17. 06. 2024